# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА – 013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон” муҳим ва актуалӣ мебошад ва таҳқиқоти илмии баанҷомрасида добиста шуда, самараи пажӯҳишоти тахассусмандонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ дар дурнамои дарозмуддат ногузир ба унсурҳои низоми экологӣ ва иҷтимоӣ асос гирифта, дар ҳошияи консепсияи рушди босубот аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул карда шудааст. Татбиқи самтҳои истифодаи оқилонаи омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳама сатҳҳои хоҷагидорӣ (иқтисодиёти корхона, соҳа, минтақа, миллӣ) дар ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ифода меёбад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-13 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Алалхусус ба қисматҳои: 12. Фишангҳои коркарди дурнамои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии ҳудудӣ. 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо. 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва

механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мутобикат мекунад. Мавзуи диссертатсия ба Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, дар доираи масъалаҳои ташаккул ва истифодаи технологияҳои нави истеҳсолӣ, тақвияти истифодаи намудҳои гуногуни энергия, иктишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, масъалаҳои энергетика, сарфаи энергия ва захираҳо, манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, мавод ва технологияҳои нав, гуногунии биологӣ, ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошад.

3. Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот 29 кори илмӣ ва илмӣ-методӣ чоп карда шудааст, ки аз он 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монографияи дастаҷамъона, 1 монографияи муаллифӣ ва 9 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун ба нашр расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

4. Хулоса дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустии маълумот, ҳаҷми кифоягии маводи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, низомбандӣ, коркард ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи иттилоотӣ дар самти пойдоршавии иқтисодиёти сабз, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ, нашри монографияҳо ва воситаҳои таълимӣ тасдиқ мегарданд. Муаллиф мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста аз нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян карда, методологияи таҳқиқотро бо дарназардошти ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар натиҷаҳои илмии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

7. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровнаро дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссисяи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Раҳимзода Ҳисайн Раҳим (Исайнов Ҳисайн Раҳимович) – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Раҳимов А.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Газибеков С.А.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Дадоматов Д.Н.

«_01_» ___09___ соли 2025